# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА -052 оид ба ҳимояи диссертатсияҳо ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психологияи дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсис ёфта, доир ба диссертатсияи Сафарова Заррина Раҷабовна дар мавзӯи «Проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои иопурра» аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ.**

**Комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:**

**- номзади илмҳои психологӣ, дотсент Дадаҷонов Ёқубҷон аз рӯйи ихтисоси (19.00.07 – Психологияи омӯзгорӣ) раиси комиссия;**

**- номзади илмҳои психологӣ, дотсент Мансурова Азиза Рафиқовна аз руйи ихтисоси (19.00.07- Психологияи омӯзгорӣ), аъзо;**

**– номзади илмҳои фалсафӣ, дотсент Миров Фируз Сафаралиевич (19.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ), аъзо.**

**Диссертатсияи** Сафарова Заррина Раҷабовна дар мавзӯи «Проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра» яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи имрӯза ба ҳисоб рафта, бо пошхӯрӣ ва нопурра гардидани оилаҳо, надоштани яке аз саробон дар оила вобаста мебошад. Доир ба пайдоиши оила, зуҳуроти мушкилоти психологӣ дар асоси муносибатҳои байниҳамдигарӣ, ба системаи муносибатҳои дохилиоилавӣ ворид шудани аъзоёни он ҳамчун як проблемаи асосӣ аз ҷониби муҳаққиқони соҳаҳои гуногун зери таҳлилу тадқиқ қарор гирифтааст. То ба имрӯз аксарияти масалаҳое, ки ба омӯзиши оила бахшида шуда буданд, ҳалли худро ёфтаанд, аммо қисми зиёди масъалаҳое ҳастанд аз нигоҳи психологӣ то ҳол омӯхта нашудаанд. Масъалае, ки диссертант тадқиқ намуда аст маҳз ба мушкилотҳои системаи муносибатҳои кӯдакон дар оилаҳои нопурра бахшида шуда, ба души яке аз волидон вогузор гардидани фарзандонро, дар бар мегирад. Зимни омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи З.Р. Сафарова муайян карда шуд, ки диссертант мақсади дар назди худ гузошташударо аз ҷиҳати илмӣ тадқиқ намуда, нақши оиларо дар тараққиёти шахсияти кӯдакон,

сабабҳои пошхӯрии оилаҳо ва мушкилотҳои дар системаи муносибатҳо вуҷуд доштаро шарҳ додааст.

Доир ба табиат, моҳият ва хусусиятҳои психологии оилаи нопурра муҳаққиқон Т.А. Гурко, А.М. Демидов, Т.С.Зубкова, В.М.Селуйко, А.В. Василенко, Е.А. Дементева ва дигарон мавриди тадқиқ қарор дода, як катор асарҳои пурарзиши илмӣ ба чоп расонидаанд. Масъали тараққиёти психикӣ ва шаклгирии шахсияти кӯдакони синни томактабӣ дар оилаҳои нопурра, инчунин ҳолати эмотсионалии онҳо дар тадқиқотҳои М.И. Буянов, М.Ю. Казарян, Т.Н. Каменева, Н.С. Степашов, Е.О. Смирнова, В.С. Собкина, О.Э. Асадуллина, А.А. Новаковская, Н.П. Болотова инъикоси худро ёфтаанд.

Дар диссертатсия доир ба хусусиятҳои психологии тараққиёти шахсияти кӯдакони синни томактабӣ маълумот дода, доир ба раванди ташакулёбии кӯдакон, худбаҳодиҳӣ ва худшиносии онҳо дар системаи муайяни муносибатҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Диссертант дар бораи пошхӯри оилаҳо ва таъсири психологӣ расонидани он ба кӯдакони синни томактабӣ дуруст қайд кардааст. Ба андешаи диссертант дар оилаҳои ҷудошуда бинобар хоҳиши якҷо зиндагӣ кардан нахостани волидон бештар кӯдакон зери зарбаи равонӣ қарор мегиранд.

Арзишмандии тадқиқоти мазкурро бо таври зайл арзёбӣ намудан мумкин аст: дар муқаддима дастгоҳи илмии тадқиқот пайдарҳам ва дуруст пешниҳод карда шудааст; тасмим гирифта шудааст, ки аз ҷамъи сифатҳои шахсияти кӯдакон аз оилаҳои нопурра: худбаҳодиҳии эмотсионалӣ, изтиробнокӣ, худбаҳодиҳии шахсӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо дар доираи муносибатҳои оилавӣ дар қиёс бо кӯдакон аз оилаҳои пурра мавриди тадқиқ қарор гирад, ки онҳо дар ташаккулёбии шахсияти инсон накши муҳим доранд; дар боби аввали рисола масъалаҳои назариявӣ ва методологии мавзӯи тадқиқотӣ арзёбӣ гардидааст, ки он ба иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҷавобгӯй аст; муаллиф аз тадқиқотҳои олимони кишварҳои дигар хеле хуб истифода бурда, ба усули таҳлилу муқоисанамоӣ арзишмандии онҳоро дар кори худ таъкид намудааст;

маълумоти оморӣ доир ба шумораи акди никоҳ ва ҷудошавӣ дар Тоҷикистон дар солҳои 2010 - 2017, ки дар рисола пешниҳод карда шудааст, муҳимияти таҳқиқи мавзӯъ ва зарурияти бартарафкунии мушкилотҳои иҷтимоӣ – психологии кӯдаконро аз оилаҳои нопурра тасдиқ менамояд; методикаҳои интихобшуда ба мақсад ва вазифаҳои таткиқотӣ мувофиқат менамоянд. Натиҷагирӣ аз истифодаи методикаи тадқиқотӣ дар ҷадвал, диаграмма ва расмҳо ифода ёфтаанд ва ҳамаи далелҳо ба таври оморӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд; таъсири одату анъанаҳои миллӣ дар таълиму тарбия ва ташаккули шахсияти кӯдакони синни томактабӣ дар оилаҳои нопурра низ ҳамчун омили таъсиркунанда ба тараққиёти психикии кӯдак ба ҳисоб гирифта шудааст; дар қисмати амалии кор натиҷагирӣ аз тадқиқот бо таҳлили оморӣ ва коррелятсионӣ дар ҷадвалҳо ба назар мерасад, ки ин амал дар тадқиқотҳои психологӣ хос аст ва аз нигоҳи психологӣ сифати кори диссертатсиониро хеле баланд арзёбӣ менамояд.

Дар диссертатсия навгониҳо барои ҳимоя ба таври мушаххас пешниҳод карда шудаанд:

– аввалин бор дар чорчубаи имконоти методологӣ кӯшиши тадқиқи проблемаи психологии системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабӣ аз оилаҳои нопурраи тоҷикистонӣ ба харҷ дода шудааст;

– бо мақсади ошкор кардани проблемаҳои системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабӣ дар оилаи нопурра анкета ва нақшаи сӯҳбати психологӣ бо кӯдакони синни томактабӣ тартиб дода шудааст;

– яке аз кӯшишҳои аввалини қисман мутобиқ намудани тестҳои психологӣ бо назардошти талаботи психометрикӣ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст;

– муайян карда шудаст, ки проблемаҳои психологии системаи муносибати байниҳамии кӯдаконро дар оила, пеш аз ҳама ихтилофҳои оилавӣ, набудани падар дар оила, муносибат бо шахсони калонсоли намунавии (бобо, бибӣ, тағо, хола, янга ва мураббияҳо) хонаводаро дар бар мегиранд;

– аз байни проблемаҳои умумии системаи муносибати кӯдакон дар оилаҳои нопурраи тоҷик, проблемаҳои шахсии психологии кӯдакон низ ошкор карда шудаанд, ки инҳо: номувофиқати иҷтимоии рафтор, донишдӯстӣ, худбаҳодиҳии номувофиқ ва дараҷаи баланди изтиробнокӣ мебошанд;

Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот дар он ифода меёбад, ки маълумотҳои илмии бадастовардашуда барои амалигардонии муқаррароти санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои оилавӣ манфиатбахш буда, онҳоро метавонад ҳангоми коркарди барномаҳо барои волидон ва машварати оилавӣ ҳамчун асос истифода бурд. Натиҷаҳои дар рафти кор бадастовардашударо дар тадқиқи минбаъдаи мавзӯъ дар доираи дигар соҳаҳои гуногун илми психология низ истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои бадастовардашудаи диссертатсияро метавон ҳангоми таълими курсҳои «Психологияи муносибатҳои оилавӣ», «Психологияи иҷтимоӣ», «Психологияи кӯдакон», «Психологияи омӯзгорӣ» ва «Психологияи синнусолӣ» ба таври васеъ истифода бурд. Инчунин методикаҳои қисман мутобиқнамударо дар доираи ташхиси психологӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст.

**Дар натиҷа ҳайати комиссия ба чунин хулоса омад:**

1. Рисолаи дар мавзӯи «Проблемаҳои психологӣ дар системаи муносибатҳои кӯдакони синни томактабии оилаҳои нопурра» анҷомдодашуда, ба рамзи ихтисоси психологияи иҷтимоӣ 19.00.05 мувофиқат карда, яке аз масъалаҳои зарурӣ ба ҳисоб меравад.
2. Мазмуни автореферат ба мазмуни рисола мувофиқат мекунад.
3. Натиҷаҳои асосии қисмати тадқиқотии диссертатсия, хулоса ва тавсияҳои Сафарова Заррина Раҷабовна дар 7 мақолаи илмии ӯ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шуда, дарҷ ёфтаанд.
4. Дар рисола натиҷаи тадқиқоти илмӣ ва нишондиҳандаҳои амалӣ истифода шудааст.
5. Бори аввал методҳои тадқиқотии психологӣ вобаста ба хусусиятҳои этнофарҳангии мардуми Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст.

6. Пешниҳод карда мешавад, ки оид ба диссертатсияи Сафарова Заррина Раҷабовна ба сифати муассисаи тақризшаванда Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав пешниҳод карда шавад.

7. Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи З.Р. Сафарова мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- **Раҳимзода Хуррам** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики академияи илмҳои педагогӣ ва иҷтимоии Федератсияи Русия, ходими пешбари шӯъбаи педагогика ва психологияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
- **Зайтметов Ҳусейн Авасхонович** - номзади илмҳои психологӣ, дотсент, мудири кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Гафуров

8. Барои ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Барои чоп намудани автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои психологӣ, дотсент /-----------------/ Дадаҷонов Ё.

**Аъзоёни комиссия:**
номзади илмҳои психологӣ, дотсент /-----------------/ Мансурова А.Р.

номзади илмҳои фалсафӣ, дотсент / ----------------- / Миров Ф.С.

Тасдиқ менамоям
Сардори РК ва КМ